# 5.5(23.00.00) ПОЛИТОЛОГИЯ
# 5.5 СИЁСАТШИНОСӢ
# 5.5 POLITICS

## 5.5.2 (23.00.02)ПОЛИТИЧЕСКИЕ ИНСТИТУТЫ, ПРОЦЕССЫ, ТЕХНОЛОГИИ
## 5.5.2 НИҲОДҲО, РАВАНДҲО ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ СИЁСӢ
## 5.5.2 POLITICAL INSTITUTES, PROCESSES, TECHNOLOGIES

***УДК: 32.001***
***DOI: 10.24412/2411-1945-2023-2-143-153***

### *АРЗИШМЕҲВАРӢ ЧУН ЗАМИНАИ МУҲИММИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН*

***Солиев Шарофиддин Холович,*** *н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

### *ЦЕННОСТНО ОРИЕНТИРОВАННЫЙ ПОДХОД КАК ВАЖНАЯ ПРЕДПОСЫЛКА БОРЬБЫ С КОРРУПЦИЕЙ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА*

***Солиев Шарофиддин Холович,*** *канд. полит. наук, доцент каф. политологии Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

### *VALUE-ORIENTED APPROACH AS AN IMPORTANT GROUND IN ANTI-CORRUPTION DRIVE IN THE CONDITIONS OF TAJIKISTAN*

***Soliev Sharofiddin Kholovich,*** *candidate of political sciences, Associate Professor of political science department under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
*e-mail: sharof55@yahoo.com*

*Муҳиммияти арзишмеҳварӣ дар самти муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистони муосир мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Таҳкими рӯҳияи арзишмеҳварӣ дар ҷомеа яке аз механизмҳои муҳимми фарогир намудани муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон шинохта шудааст. Арзишмеҳварӣ ҳамчун шинохт, дарк намудан, қадр кардани арзишҳои муҳимми ахлоқию маънавӣ ва ба ҳисоб гирифтану амалӣ намудани онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ арзёбӣ шудааст. Таваҷҷуҳ намудан ба арзишмеҳварӣ ва таҳкими мавқеи арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия муҳим дониста шудааст. Изҳори ақида шудааст, ки арзишмеҳварӣ дар Тоҷикистон боиси такмили масъулиятшиносии шаҳрвандӣ мегардад ва дар ин замина шаҳрвандон метавонанд бо навъҳои мухталифи амалҳои коррупсионӣ муқовимат намоянд. Омилҳои мухталифи таъсиргузор ба коҳиши нақш ва муҳиммияти арзишҳо дар як ҷомеа ошкор карда шудаанд. Зикр гардидааст, ки тарбияи рӯҳияи таҳаммулнопазирӣ бо коррупсия, амонатдорӣ, қаноатпешагӣ, эҳтиром ба қонун, ҳисси масъулият дар назди ҷомеа, эҳтиром ва иҷрои арзишҳои фарҳангиву маънавӣ метавонанд дар самти пешгирии коррупсия дар Тоҷикистон муҳим бошанд. Муҳиммияти арзишмеҳварӣ дар муқовимат бо коррупсия аз он иборат дониста шудааст, ки он метавонад ҳам дар сатҳи мақомоти давлатӣ ва ҳам дар ҷалби аҳли ҷомеа дар ин самт короям бошад.*

***Калидвожаҳо:*** *коррупсия, арзишмеҳварӣ, ахлоқ, пешгирии коррупсия, арзишҳои ахлоқию*

*маънавӣ, бовиҷдонӣ, қаноатпешагӣ, масъулиятшиносӣ, таҳаммулнопазирӣ бо коррупсия*

*Рассматриваются значение и важность ценностной ориентации в борьбе с коррупцией в условиях современного Таджикистана. Укрепление ценностно ориентированного духа в обществе признано одним из важных общинных механизмов борьбы с коррупцией в условиях республики. Ценностно ориентированный подход оценивается как признание, понимание, оценка важных нравственных и духовных ценностей, их учет и реализация в общественных отношениях. В борьбе с коррупцией предполагается важным обращение внимания на ценностную ориентацию и укрепление позиции важных общественных ценностей в Таджикистане. Считается, что ценностно ориентационный подход способствует повышению гражданской ответственности и в этом контексте граждане могут противостоять различным видам коррупции. Выявлены различные факторы, влияющие на снижение роли и значения нравственных ценностей в обществе. Особо упоминается, что воспитание нетерпимости к коррупции, воздержанности, уважения к закону, ответственности перед обществом, уважения, а также реализация культурных и духовных ценностей могут иметь большое значение в предотвращении коррупции в Таджикистане. Признана важность ценностной ориентации в борьбе с коррупцией, потому что она может быть эффективной и на уровне органов государственной власти, и при вовлечении в неё общественности.*

***Ключевые слова:** коррупция, ценностная ориентация, мораль, предотвращение коррупции, морально-духовные ценности, честность, воздержанность, ответственность, нетерпимость к коррупции*

*This article examines and analyzes the necesssity and importance of value orientation in the fight against corruption in the conditions of modern Tajikistan. Strengthening the value-oriented spirit in society is recognized as one of the important general mechanisms for combating corruption in the conditions of Tajikistan. The value-oriented approach is evaluated as recognition, understanding, evaluation of important moral and spiritual values, their consideration and implementation in public relations. In the fight against corruption, it is assumed that it is important to pay attention to the value orientation and strengthen the position of important social values in Tajikistan. It is believed that a value-oriented approach contributes to increased civic responsibility, and in this context, citizens can resist various types of corruption. Various factors influencing the decline in the role and importance of moral values in society have been identified. It is specifically mentioned that the education of intolerance to corruption, temperance, respect for the law, responsibility to society, respect, as well as the implementation of cultural and spiritual values can be of great importance in preventing corruption in Tajikistan. The importance of value orientation in the fight against corruption is recognized, because it can be effective both at the level of public authorities and with the involvement of the public.*

***Key words:** corruption, value orientation, morality, prevention of corruption, moral and spiritual values, honesty, abstinence, responsibility, intolerance to corruption*

Мушкилоти коррупсия дар Тоҷикистони муосир ба яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва доғи рӯз табдил ёфтааст. Ин мушкилот яке аз нигарониҳои асосии шаҳрвандони кишварро ташкил медиҳад ва то як андоза рӯҳияи нобоварӣ ва ноумедиро миёни онҳо тақвият бахшидааст. Аз ин рӯ, омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи ин масъала ва дарёфти механизмҳои муассири ҳали он дар шароити муосир яке аз мавзуъҳои асосии баҳси илмҳои иҷтимоӣ ва, хусусан, коршиносони масъалаҳои сиёсӣ ва сиёсатшиносон шудааст. Дар ин навиштаи худ

мо тасмим гирифтем, ки нақши арзишҳои муҳимми ҷамъиятиро дар муқовимат бо зуҳуроти коррупсия ба риштаи таҳлил бикашем. Ба андешаи мо тақвияти арзишмеҳварӣ дар Тоҷикистон тадриҷан метавонад заминаи пешгириву рафъи коррупсия ва паст намудани сатҳи онро фароҳам намояд.

Дар шароити имрӯза ҷалби васеи аҳолӣ ва, хусусан, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия муҳим дониста мешавад.[2] Дар шароити имрӯзаи кишвар, ки коррупсия ба як мушкилии ҳалталаб табдил шудааст, бетараф будан нисбати ҳалли он метавонад ба пояҳои давлатдории миллӣ ва, дар умум, ахлоқи ҷомеа таъсири зиёди манфӣ ба бор оварад. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди кишварро зарур аст, ки дар ин самт фаъол бошад ва нақши худро дар поксозии ҷомеа аз коррупия бигузорад. Чунин саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки мо ҳамчун шаҳрвандони кишвар чи гуна метавонем дар самти муқовимат бо коррупсия ва паст намудани сатҳи он саҳми худро гузошта бошем? Албатта, механизмҳои мухталифе мавҷуданд, ки дар саҳмгузории шаҳрвандони кишвар бар алайҳи мушкилоти коррупсия метавонанд муҳим бошанд. Ҳар як амали муқовимат метавонад заминаи коррупсияро дар ҷомеа аз миён барад ва сатҳи онро тадриҷан паст гардонад. Таваҷҷуҳи зарурӣ намудан ба пешгирии коррупсия тақозо мегардад, то заминаҳои зуҳури ин падида дар ҷомеа рафъ гарданд.

Паёмадҳои мушкилоти коррупияро ба паҳлӯҳои мухталифи рушди ҷомеа ба ҳисоб гирифта, моро зарур аст, ки механизмҳои муассири муқовимат ва мубориза бо ин зуҳуроти номатлубро дарёбем. Хусусан ба он ҷиҳати масъала таваҷҷуҳ намуда бошем, ки чи гуна ҳар як фарди ҷомеа дар раванди муқовимат бо коррупсия нақши худро гузошта метавонад. Чунин навъи муносибате зарур аст, ки фарогирии бештар дошта бошад ва тавонад тадриҷан сатҳи мушкилоти коррупсияро дар кишвари мо паст намояд. Ба андешаи мо яке аз механизмҳои муассир дар ин самт метавонад бархӯрди ахлоқӣ бо мушкилоти коррупсия бошад. Бо тарбияи ахлоқи накӯ ва арзишмеҳварӣ сатҳи коррупсияро дар як ҷомеа метавон ба таври тадриҷӣ поён бурд.

Ба андешаи мо яке аз механизмҳои муҳимми фарогир намудани муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон метавонад таҳкими рӯҳияи арзишмеҳварӣ дар ҷомеа бошад. Барои баррасии нақши арзишмеҳварӣ дар муқовимат бо коррупсия саравval ба мо зарур аст, ки мафҳуми арзишмеҳвариро таҳлил ва баррасӣ намоем. Дар баррасии худ мо арзишмеҳвариро танҳо ба шинохт, дарк ва қадр намудани арзишҳои муҳимми ахлоқию маънавӣ дар ҷомеа маҳдуд наменамоем. Албатта, барои арзишмеҳвар шудан шинохту дарки  арзишҳои ахлоқию маънавӣ муҳим мебошанд. Аммо аз дидгоҳи мо арзишмеҳварӣ танҳо ба шинохт маҳдуд намегадад, балки ҷиҳатҳои амалиро низ доро аст. Дар баррасии хеш мо арзишмеҳвариро ҳамчун шинохт, дарк намудан, қадр кардани арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва бар замми ин ба ҳисоб гирифтану амалӣ намудани онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба кор мебарем, яъне чунин навъи фаҳмиши арзишмеҳварӣ, ки ба амалу фаъолият ва рафтори мо таъсиргузор бошад. Дар амалияи ҷамъиятӣ мо зиёд мушоҳида менамоем, ки нафарони бисёре аз муҳиммияти арзишҳои ахлоқиву маънавӣ сухан меронанд, арзишҳои ахлоқию маънавиро муҳим мехонанд, ҳатто аз арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ барои ба даст овардани боварии дигарон суиистифода мекунанд, аммо дар рафтору амали онҳо чунин навъи «арзишмеҳварӣ» ҳеҷ таъсире намегузорад. Аз ин рӯ, ҳадафи мо аз истифодаи ин мафҳум на танҳо ҷиҳати шинохтӣ, балки паҳлӯи рафторию амалиро низ доро мебошад.

Дар мавриди баҳамтаъсиргузории арзишҳои ахлоқиву маънавӣ ва коррупсия моро зарур аст, ба он ҷиҳат таваҷҷуҳ намуда бошем, ки то кадом андоза мушкилоти ахлоқию маънавӣ боиси зуҳури амалҳои коррупсионӣ ва дар навбати худ мавҷуди коррупсия ба вайронии ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа боис мегардад. Ба андешаи мо миёни ҳолати

ахлоқию маънавии ҷомеа ва зуҳури коррупсия пайванди дуҷониба қарор дорад. Агар ҳолати ахлоқиву маънавии мардум, аз як тараф, боиси паҳнгашта шудани амалҳои коррупсионӣ гардад пас дар навбати худ сатҳи баланди коррупсия дар як ҷомеа боиси коҳиши ахлоқу маънавиёти мардуми он низ мешавад. Мушкилоти паҳнгашта будани амалҳои коррупсионӣ дар як ҷомеа эҳтимолан нафарони ахлоқмеҳварро низ ба вартаи худ мекашад. То як андоза як занҷираи баҳамтаъсирбахшии миёни ахлоқ ва мушкилоти коррупсия ба назар мерасад. Чунин ҳолат дар як ҷомеа метавонад зери таъсири омилҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ дигаргун шавад ва дар ҳеҷ сурат хосияти мутлақ ва тағйирнаёбандаро соҳиб нест.

Дар таҳқиқот перомуни муқовимат бо коррупсия ба масъалаи муҳиммияти механизмҳои ахлоқӣ ва арзишмеҳварӣ таваҷҷуҳи хосса дода шудааст. Муҳаққиқон ба паҳлӯҳои алоҳидаи ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Чанде аз ин дидгоҳҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Барои мисол муҳаққиқ Свенссон Ҷ. коррупсияро ҳамчун паёмади дигар мушкилоти мавҷуда медонад. Ба андешаи ӯ коррупсия табиат ва сифати ниҳодҳои қонунгузорӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро инъикос мекунад. Зиёда аз ин коррупсия сифати ахлоқии мардум ва арзишҳову бартариятҳои ҳукмрон дар ҷомеаро инъикос менамояд.[12, с.19-42] Аз баёни муҳаққиқ чунин бармеояд, ки ба зуҳур ва тақвияти коррупсия дар як ҷомеа ҷиҳатҳо ва арзишҳои ахлоқии ҳукмрон дар он таъсиргузор ҳастанд. Яъне он ҷиҳати масъала муҳим аст, ки дар як ҷомеа то кадом андоза арзишҳои ахлоқӣ ба мушкилоти коррупсия мусоидат ва ё мухолифат карда метавонанд.

Муҳаққиқон Снетков В.Н. ва Савелева А.П. дар шароити таҳким пайдо намудани коррупсия дар сатҳи ҷаҳонӣ яке аз вазифаҳои муҳимми давлати муосирро дар ҳифз ва дастгирии низоми арзишҳои анъанавӣ медонанд.[1, с.234-237] Муҳаққиқ Роден Ҷ. бошад чунин меандешад, ки мушкилоти коррупсия аз як масъалаи иқтисодӣ ба як мушкилоти ахлоқӣ мубаддал гаштааст.[10, с. 15]

Муҳаққиқ Семпсон С. то як андозае тамоми кӯшишҳои зиддикоррупсиониро чун ташаббуси ахлоқӣ медонад ва фаъолиятҳои муқовимат бо коррупсияро ҳамчун «нерӯи ахлоқӣ» ва ҳамчун «қисми тамоюли умумии ахлоқи глобалӣ ва асосноксозии ахлоқии муносибатҳои инсонӣ» баҳогузорӣ менамояд.[11]

Ба масъалаи арзишмеҳварӣ чун василаи муқовимат ва мубориза бо коррупсия созмонҳои байналхалқии тамоюлдошта ба ҳалли ин мушкилот низ таваҷҷӯҳи хоса додаанд. Барои мисол аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) дастури Маърифати бовиҷдонӣ (Education for Integrity) ба нашр расидааст.[7]

Созмони шаффофияти байналхалқӣ дар самти муқовимат бо коррупсия дар бовиҷдонӣ намуна будани хизматчиёни давлатиро тақозо менамояд. Аз он ҷумла «ба намоиш гузоштани бовиҷдонӣ» ва «меъёри баланди ахлоқӣ»-ро аз ҷониби намояндагони мардум дар парлумон, агентиҳои зиддикоррупсионӣ, муфаттишон, прокурорҳо, судяҳо ва асосҳои мустаҳками ахлоқиро барои хизматчиёни давлатӣ тақозо менамояд, то «ҳокимияти боадолат ва бовиҷдон дар кулли ҷаҳон» бунёд гузошта шавад.[5, с.114] Ҳамчунин дар як маводи хеш Созмони Шаффофияти байналхалқӣ низ зарурати арзишмеҳвариро ҳамчун усули муҳимми беҳтар намудани муқовимат бо коррупсия баррасӣ намудааст.[13]

Паҳлӯҳои гуногуни таъсири андешаҳои фарҳангӣ ва динӣ дар муқовимат ва ё мусоидат ба коррупсия аз ҷониби муҳаққиқони мухталиф мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Барои мисол муҳаққиқон Марианна Фотакӣ, Файсал Алшеҳрӣ ва Салима Каузер масъалаи алоқамандии ахлоқи динӣ ва зуҳури коррупсияро дар шароити Арабистони Саудӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Онҳо ошкор кардаанд, ки чигунагии пайванди ахлоқи динӣ ва мушкилоти коррупсия аз шеваи худошиносии респондентон бармеояд. Хусусан боварҳои динӣ ва қабули фардии Худованд дар се усули бунёдӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст:

(1) муҷозоткунанда, (2) бахшанда ва меҳрубон, (3) баҳаморӣ ва тавозуни дидгоҳҳои зикршуда. Бо овардани 24 ҳикояти кӯтоҳ бо ҳолатҳое, ки ҳакамии ахлоқии респондентҳоро талаб менамуд, чунин ҳолат ошкор карда шудааст. Нафароне, ки бештар ба дарки бахшандагии Худованд пайванд доштанд ба таври назаррас ҳолатҳои ахлоқан баҳсбарангезро қабул менамуданд. Нафароне ки баёнгари дидгоҳи тавозунӣ буданд бештар ба ҳолатҳои ахлоқан баҳсбарангез мухолифат доштанд. Ахиран нафарони баёнгари дидгоҳи якум ҳолатҳои ахлоқан баҳсбарангезро хеле кам қабул менамуданд.[9]

Таҳлили таъсиргузории барномаҳои маърифати шаҳрвандӣ ба донишҷӯён дар кишварҳои Осиёи уқёнусӣ ва Америкаи Лотинӣ ошкор сохтааст, ки чунин барномаҳои омӯзишӣ барои инкори коррупсия ва пастравии қонуншиканӣ мусоидат намудаанд.[8] Ҳамчунин арзишмеҳварӣ ҳамчун заминаи муҳимми таҳкими таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия шинохта шудааст. Дар самти тарбияи ҳисси таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия ва худдорӣ кардан аз он нақши омилҳои фарҳангиву маънавӣ муҳим дониста мешавад.[3,4]

Чуноне ки таҳқиқоти анҷомшуда нишон додаанд, меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишӣ дар шароити имрӯза ҳамчун механизми паст намудани таъсири мушкилоти коррупсия шинохта шудаанд. Ба андешаи мо низ таваҷҷуҳ намудан ба арзишмеҳварӣ ва таҳкими мавқеи арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон метавонад дар самти муқовимат ба коррупсия мусоидат дошта бошад.

Ба андешаи мо низ ҳама гуна зуҳуроти коррупсионӣ барои ахлоқи як ҷомеа хатар эҷод мекунанд, зеро онҳо боварии мардумро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ мекоҳонанд ва монеаи бароварда шудани мунтазириҳои қонунии ҷомеа ва шаҳрвандон мегарданд.

Дар шароити имрӯза дар мавриди муқовимат бо коррупсия бовиҷдонӣ яке аз заминаҳои муҳимми пешгирии ин мушкилот дониста мешавад. Мавқеъгирии ахлоқӣ перомуни муносибатҳои ҷамъиятӣ инсонро ба он водор менамояд, ки дар мавриди хуб ва ё бад будани рафтори худ биандешад. Ғолибан ин мавқеъгирӣ ба шинохти арзишҳо ва принсипҳои муҳимми ахлоқӣ аз ҷониби инсон вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, дар шароити Тоҷикистон зарур мешуморем, ки маърифати ҷавонони мо бо ба ҳисоб гирифтани арзишҳои муҳимми ахлоқие чун амонатдорӣ, қонунмеҳварӣ, қаноатпешагӣ, ҳалолкориву покизагӣ, масъулиятшиносӣ ва ғ. таҳким бахшида шавад. Хусусан дар муассисаҳои таълимии сатҳи гуногун таваҷҷуҳи хоса намудан ба арзишҳои амонатдорӣ, қаноатпешагӣ, қонунмеҳварӣ, ҳалолкориву покизагӣ ва ғ. тавсия карда мешавад, то заминае барои таҳкими тафаккури таҳаммулнопазирӣ бо коррупсия гардад ва тадаббури ахлоқии мардумро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ рушд бахшад.

Ба андешаи мо рушди арзишмеҳварӣ дар Тоҷикистон боиси такмили масъулиятшиносии шаҳрвандӣ мегардад, ки дар ин замина мо метавонем на танҳо бо навъҳои мухталифи амали коррупсионӣ муқовимат намоем, балки масъалаҳои дигари рушди кишварро низ ҳал созем. Маърифати ахлоқӣ шаҳрвандони моро аз паёмадҳои хатарзои амалҳои коррупсионӣ огоҳ месозад.

Лозим ба ёдоварист, ки муҳиммияти арзишмеҳварӣ дар муқовимат бо мушкилоти коррупсия дар як ҷомеа масъалаи серпаҳлӯ ва фарогир мебошад. Зарур аст, ки ҷиҳатҳои мухталифи он, аз ҷумлаи паҳлӯҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсию равонии он мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад. Дар баррасии хеш мо танҳо ба бархе ҷиҳатҳои мавзӯъ таваҷҷуҳ менамоем.

Дар ҳама давраи рушди инсоният арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ ҳамчун унсури муттаҳидкунанда ва танзими муносибатҳои миёни мардум баромад намудаанд. Аммо ҳолатҳое низ метавонанд ба миён оянд, ки таъсири арзишҳо дар ҷомеа коҳиш пайдо намоянд. Дар ин маврид саволе метавонад ба миён оянд, ки дар кадом ҳолатҳо таъсири арзишҳо дар як ҷомеа метавонад коҳиш пайдо намояд? Ба андешаи мо омилҳои мухталифе метавонанд боиси коҳиши нақш ва муҳиммияти арзишҳо дар як ҷомеа гарданд. Аввалан

омил аз тарбияи саҳеҳ надоштан дар рӯҳияи арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ бармеояд. Ба андешаи мо омили тарбияи арзишмеҳварӣ нақши муҳим дорад. Парваридани рӯҳияи муҳиммияти арзишҳои ҷамъиятӣ дар инсонҳо ҳанӯз аз давраи кӯдакӣ шуруъ гардида, то ба давраи ворид шудани ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пас аз он низ идома пайдо мекунад. Омили дигари таъсиррасон метавонад рафтори ҷомеа ва хосиятҳои муносибатҳои мавҷуда дар миёни мардум бошад. Албатта таъсири ин омил метавонад хеле назаррас гардад, зеро мушоҳидаи воқеиятҳо метавонад рафтори инсонҳои алоҳидаро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ шакл диҳанд. Омили дигари таъсиррасон ба коҳиши нақши арзишҳо дар ҷомеа метавонад суиистифодаи арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ аз ҷониби нерӯҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои алоҳидаи манфиатҳо бошад. Суиистифода гардидани арзишҳо дар ҷомеа боиси гурези боварии мардум ба муҳиммияти онҳо мегардад. Мутаассифона дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон низ суиистифодаи арзишҳо аз ҷониби нерӯҳои мухталифи сиёсӣ ба назар мерасад, ки боварииии мардумро ба муҳиммияти онҳо мекоҳонад ва тафаккури арзишмеҳвариро халалдор месозад. Хусусан дар шароити имрӯзаи кишвар мо суиистифода гардидани арзишҳои динӣ ва арзишҳои муҳимми сиёсӣ чун манфиатҳои миллӣ ва демократияро мушоҳида менамоем. Омили дигари таъсиррасон, ба андешаи мо, метавонад тарҷеҳ додани қисме аз арзишҳо нисбат ба арзишҳои дигар гардад. Хусусан бартарӣ бахшидан ба арзишҳои шахсию гурӯҳӣ ва хонаводагӣ нисбати арзишҳои ҷамъиятӣ метавонад боиси коҳиши нақши дуюмӣ гардад. Албатта бартарӣ додан ба арзишҳои шахсию гурӯҳӣ дар ҷомеа зери таъсири омилҳои муайяни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба миён меоянд. Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон низ бинобар омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар бисёр мавридҳо бартарӣ додан ба арзишҳои шахсию гуруҳӣ дар нисбати арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ мушоҳида мегардад, ки албатта чунин ҳолат ба коҳиши нақш ва мавқеи дуюмӣ боис мегардад.

Саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки дар кадом сурат арзишмеҳварӣ метавонад ҳамчун заминаи муқовимат ба коррупсия хизмат расонад? Ба андешаи мо яке аз шартҳои муҳимми таъсиргузории арзишҳои ҷамъӣ ба ҳаёти инсонҳо ин риоя гардидани тавозуни онҳо бо арзишҳои фардӣ ва хонаводагӣ мебошад. Танҳо дар сурати мавҷуд будани тавозун миёни ин ду навъи арзишҳо дар ҷомеа эҳтиром ва риояи арзишҳои ҷамъӣ таҳким пайдо мекунад. Дар сурати боло гузоштани арзишҳои хонаводагиву фардӣ ва бартарӣ додан ба онҳо ҳолатҳое зухур намуданашон эҳтимол дорад, ки арзишҳои ҷамъӣ осеб бинанд ва назари мардум ба онҳо коҳида бошад. Дар навбати худ арзишҳои ҷамъӣ дар сурате аз ҷониби фардиятҳо эҳтиром ва амалӣ карда мешаванд, ки барои арзишҳои фардӣ ва хонаводагӣ мусоидаткунанда бошанд. Аз ин рӯ, барои таҳкими арзишмеҳварӣ дар ҷомеа зарур мешуморем, ки заминаи муҳим барои таъмини тавозун миёни арзишҳои ҷамъӣ ва фардиву гурӯҳӣ фароҳам оварда шавад.

Лозим ба ёдоварист, ки танҳо огоҳии ахлоқӣ аз паёмадҳои коррупсия ва шинохти коррупсия ҳамчун зуҳуроти манфӣ ба андешаи мо дар самти муқовимат бо коррупсия кофӣ нест. Зарур медонем, ки шинохти ғайриахлоқӣ будани амалҳои коррупсионӣ бо таҳаммулнопазирӣ нисбати он дар пайванди амалӣ қарор дошта бошад. Танҳо дар ин сурат мо метавонем, короямӣ ва самарабахшии арзишмеҳвариро дар муқовимат бо коррупсия мушоҳида намоем.

Бидуни тадаббури ахлоқӣ ва арзишӣ рафтор намудани мардум ва, хусусан, ҷавонон барои ҷомеа эҳтимоли тақвияти ҳар гуна хатарро ба миён меорад. Дар сурати тадаббури ахлоқӣ надоштан дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рафтори ҷамъиятӣ барои зуҳуроти худхоҳӣ ва ғайриахлоқона замина фароҳам мешавад, ки инсонро ба доми амалҳои коррупсионӣ тела медиҳад.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми муқовимат бо коррупсияро шеваҳои мухталифи ҷалби омма

дар ин самт ташкил медиҳад. Муҳиммияти арзишмеҳварӣ дар самти муқовимат бо коррупсия аз он иборат аст, ки он метавонад ҳам дар сатҳи мақомоти давлатӣ ва ҳам дар сатҳи ҷалби аҳли ҷомеа дар ин самт муҳим бошад.

Дар мавриди муҳиммияти арзишмеҳварӣ дар муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон зарур аст, ки баъзе аз арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ миёни мардуми кишвар ва, хусусан, қишри ҷавон ва навраси кишвар тарғиб ва тақвият дода шавад. Дар ин мавридд саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки таҳким ва омӯзиши кадом арзишҳо ба навли наврас ва ҷавонон метавонад барои пешгирии минбаъдаи амалҳои коррупсионӣ муҳим бошад? Ба андешаи мо тарбияи рӯҳияи амонатдорӣ, қаноатпешагӣ, қонунмеҳварӣ, масъулиятшиносӣ ва ҳалолу покизакорӣ метавонад барои пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар оянда нақши муҳим дошта бошанд. Муҳиммияти ҳар яке аз ин арзишҳоро барои пешгирӣ аз мушкилоти коррупсия мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳем.

Ба андешаи мо тарбияи рӯҳияи таҳаммулнопазирӣ бо коррупсия, амонатдорӣ, қаноатпешагӣ, эҳтиром ба қонун, ҳисси масъулият дар назди ҷомеа, эҳтиром ва иҷрои арзишҳои фарҳангиву маънавӣ метавонанд дар самти пешгирии коррупсия муҳим бошанд. Мо чунин мепиндорем, ки шаҳрванди дорои хусусиятҳои зикршуда дар ҳеҷ ҳолат ворид шудан ба амалҳои коррупсиониро ба худ иҷозат намедиҳад. Чунин хосиятҳо метавонанд худдории ӯро дар муносибат бо коррупсия фароҳам намоянд. Ҳамаи хосиятҳои зикршуда омилҳои дарунӣ ва равоние мебошанд, ки шаҳрвандонро аз ворид шудан ба амалҳои коррупсионӣ боз медоранд. Зарурати ҳар яке аз ин хосиятҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ менамоем.

Ба андешаи мо яке аз роҳҳои муҳим дар пешгирии коррупсия ва муқовимат бо он тарбияти рӯҳияи таҳаммулнопазирӣ бо ин падида аст. Зарур мешуморем, ки шаҳрвандони кишвар бо ин падида муносибати таҳаммулнопазир дошта бошанд. Дар шароити мо яке аз сабабҳои рушди коррупсия дар Тоҷикистон маҳз дар бетарафии мардум ба ин падида ва навъҳои мухталифи зуҳури он нуҳуфтааст. Аз сабаби бетарафӣ ва таҳаммулпазирии мо ба коррупсия сатҳи он дар кишвар баланд шуда истодааст. Бо рӯҳияи таҳаммулнопазирӣ шаҳрвандон метавонанд худро аз ворид шудан ба муносибатҳои хосияти коррупсионӣ дошта боздоранд ва бо ин амал зуҳури ин падидаро пешгирӣ намоянд.

Таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия метавонад худназоратии шаҳрвандонро таъмин намояд, ки дар заминаи он шахс эҳтиёткорона ва бо баҳогузорӣ ба хуб ва ё бад будани рафтори худ фаъолият мебарад. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки тарбияи рӯҳияи таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия қадами хеле муҳим дар самти пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия аст. Бо худдории ҳар як нафар аз коррупсия имкони зуҳури он дар ҷомеа паст мегардад ва тадриҷан муносибатҳои солим дар ҷомеа мавқеи худро мустаҳкам менамоянд.

Дар ҷомеаи мо амонатдорӣ як арзиши муҳим шинохта шудааст. Аммо аз чӣ сабаб бошад, ки солҳои охир мавқеи ин арзиш коста гардидааст ё фаҳмиши маҳдуд аз он миёни мардуми мо шакл гирифтааст. Дар шароити имрӯза мардуми мо аксаран амонатдориро танҳо дар нигоҳ доштани чизе назди худ ва ё маблағи ба касе супоридашуда мефаҳманд, ки ба андешаи мо чунин фаҳмиш маҳдуд мебошад.

Мафҳуми амонат ба мандати (ваколати) боваринамуда ба чизе аст. Амонат чунин маънӣ дорад, ки чизе ба ҷониби дигар бо боварӣ дода мешавад ва эътимод бар он намуда мешавад, ки он чиз бехатар ва бо хубӣ нигоҳдорӣ мегардад.[6, с.159] Албатта чизе ки ба амонат гузошта мешавад, метавонад гуногун бошад ва ба он масъулият ва боварӣ дар хизмати давлатӣ ва ҷамъиятӣ низ вуруд мегардад. Мутаассифона дар ҷомеаи мо чунин мушоҳида мегардад, ки ҳолатҳои дигаре чун нигоҳ доштани бовари мардум, иҷрои масъулиятҳои ба ӯҳда дошта, ҳифзи моликияти давлативу ҷамъиятӣ, сарфакорӣ намудан дар харҷҳои давлативу ҷамъиятӣ, дуруст ба роҳ мондани харҷҳои ҷамъиятӣ чун амонатдорӣ дарк намуда намешавад, ки албатта ин боиси нигаронӣ аст. Аз ин рӯ, зарур

мешуморем, ки дар миёни мардуми мо фаҳми васеъ ва фарогир аз амонатдорӣ новобаста аз мавқеъ ва вазифаи шаҳрвандон тақвият бахшида шавад. Як нафар мансабдори давлатӣ, як нафар табиб, як нафар омӯзгор, як нафар тоҷир, як нафар соҳибкор, як нафар кишоварз ва дар умум ҳамаи мардуми кишвар бояд дарк намоянд, ки дар назди ҷамъият амонатдоранд ва дар иҷрои вазифаи худ масъулиятшиносона муносибат намоянд. Яъне, дар ҷомеа ҳар нафаре дар иҷрои вазифаи ба ӯ вогузошта ва боваринамуда амонатдор аст ва ӯро зарур аст, ки ба амонати ба ӯ супурда хиёнат накунад.

Яке аз фаҳмишҳои муосири коррупсия низ ин шикастани амонатҳои супурдашуда аз ҷониби шахси масъул мебошад, ки аз боварии мардум ва салоҳиятҳои ба ӯ вогузоршуда сӯистеъмол менамояд. Дар чунин ҳолат салоҳиятҳои вогузоршуда барои манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ истифода мегарданд. Албатта ин ҳолат ба он монандӣ дорад, ки касе назди шумо маблағе гузошта бошад ва шумо аз он барои амалӣ сохтани ниёзҳои худ истифода баред. Чунин ба назар мерасад, ки масъалаҳои амонатдорӣ бештар вобастаи муносибатҳои шахсии шаҳрвандон гардидааст. Амонатҳои ҷамъиятӣ аксари маврид ношинохта мемонанд ва ё ҳамчун амонати муҳим дарк карда намешаванд.

Дар шароити имрӯза зарур мешуморем, ки ба тарбияи рӯҳияи амонатдорӣ миёни ҷавонону наврасон ва дар умум шаҳрвандони кишвар эътибори ҷиддӣ дода шавад. Танҳо бо нафарони амонатдор мо метавонем ояндаи беҳтареро барои мардуми кишвар бунёд гузорем ва рушди давлатдории миллиямонро тақвият бахшем.

Дар шароити Тоҷикистон тарбияи рӯҳияи қаноатпешагӣ метавонад заминаи муҳими пешгирӣ аз амалҳои коррупсионӣ гардад. Аксари ҳолат ба мушоҳида мерасад, ки нафаре дорои сарвати зиёде аст, зиндагии хубу осудае дорад, тамоми шароитҳои рӯзгораш таъмин аст, аммо новобаста аз ин даст ба амали коррупсионӣ мезанад. Ба андешаи мо он хислат ва хусусияте, ки ба чунин инсонҳо намерасад ин қаноатпешагӣ аст. Дар зиндагии ҳамарӯза мо мушоҳида менамоем, ки як қисми одамон зиндагии одие доранд ва ҳамеша кӯшиш бар он мекунанд то аз роҳи ҳалолу дуруст рӯзӣ ба даст оваранд. Аммо дар қатори чунин инсонҳо боз нафаронеро ҳам мушоҳида мекунем, ки дорои сарвати зиёданд, аммо ба ин кифоят накарда даст ба порахӯрӣ ва аз худ намудани сарватҳои давлативу ҷамъиятӣ мезананд. Аз ин рӯ, тарбияи рӯҳияи қаноатпешагӣ барои ҷомеаи мо метавонад муҳим бошад. Албатта, агар инсон бо роҳи дуруст ва покиза ба дороии зиёде мушарраф гардад ҳеҷ боке надорад ва сарвати ӯ натиҷаи кӯшишу ғайратҳояш мебошанд. Аммо дар шароити имрӯза мо нафаронеро мебинем, ки бо расидан ба мақомҳои муҳимми давлативу ҷамъиятӣ пеш аз ҳама барои бунёди зиндагии бодабдаба барои худ шуруъ мекунанд. Бо даст задан ба амалҳои коррупсионӣ ва сӯистифода аз мақом онҳо барои худ шароитҳои бодабдабаи зиндагиро бунёд мегузоранд. Ба назар чунин мерасад, ки чунин мардум қаноатпешагиро тамоман фаромӯш намудаанд ва ё дар мавриди он ҳатто наандешидаанд. Дар шароити Тоҷикистон зиндагии иҷтимоӣ тадриҷан беҳтар мешавад ва музди меҳнат зина ба зина боло рафта истодааст. Агар мо қаноатро пеша намоем ва баҳри рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти кишварамон камари ҳиммат бандем, албатта рӯзе мерасад, ки бо ҳалолкории худ ба зиндагии осудае мерасем.

Ба андешаи мо яке аз заминаҳои муҳим ва дигари пешгирӣ ва рафъи коррупсия дар Тоҷикистон ин бедор намудани ҳисси қонунмеҳварӣ миёни мардуми кишвар аст. Чунин ба назар мерасад, ки дар ҷомеаи мо беэътиноӣ ба қонун ва нигилизми ҳуқуқӣ афзоиш ёфтааст. Мушоҳида мегардад, ки шаҳрвандони кишвари мо зиёд ба қонуншиканӣ роҳ медиҳанд. Шикастани қонун ва беэҳтироми нисбати он ба як амри маъмулии зиндагии қисме аз шаҳрвандон табдил ёфтааст. Ин ҳолатро мо на танҳо миёни омма, балки ҳамчунин миёни хизматчиёни давлатӣ ва мансабдорони зинаҳои болоии ҳокимияти давлатӣ низ мушоҳида менамоем, ки хостаҳои худ, манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳияшонро аз

иҷрои қонун ва муқаррароти қонунӣ боло мегузоранд. Ҳатто дар шароити Тоҷикистон чунин андешае миёни мардум роиҷ шудааст, ки «қонун танҳо барои камбағалон аст». Албатта, чунин ранг гирифтани масъала зери таъсири амалҳои коррупсионӣ ба вуҷуд омадааст ва он ноумедии мардумро нисбати иҷроиши қонунҳо ба миён овардааст.

Беэътиноии қисме аз мардум ва хусусан хизматчиёни давлатӣ ба қонунҳо боиси он мегардад, ки қонун мавқеи худро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аз даст диҳад. Дар навбати худ чунин ҳолат механизмҳои дигари танзими муносибатҳо аз он ҷумла амалҳои коррупсиониро рушд мебахшад. Барои ҳамин ҳам зарур мешуморем, ки дар ҷомеаи мо тафаккури қонунмеҳварӣ тақвият бахшида шавад. Пеш аз ҳама зарур аст, ки дар самти иҷроиши қонунҳо ва эҳтиром ба қонун мансабдорони зинаҳои мухталиф ва хизматчиёни давлатӣ чун намуна бошанд, то умеди мардум нисбат ба қонунмеҳварӣ дар кишвар зиёд гардад. Бо тақвият ёфтани тафаккури қонунмеҳварӣ заминаи зуҳури ҳар гуна амалҳои коррупсионӣ дар ҷомеа аз байн меравад ва тадриҷан сатҳи коррупсия дар кишвар паст мегардад.

Дар ҳама давру замон боло бурдани ҳисси масъулияти шаҳрвандон дар назди ҷомеа яке аз заминаҳои муҳимми пешгирӣ ва рафъи амалҳои коррупсионӣ шинохта шудааст. Рушди коррупсия дар ҷомеаи мо ва сатҳи баланди он албатта натиҷаи амали шаҳрвандони кишварамон аст. Яъне сатҳи коррупсия баёнгари он аст, ки то кадом андоза шаҳрвандони кишвар, хусусан хизматчиёни давлатӣ дар назди ҷомеа ва миллату давлат масъулияти худро эҳсос менамоянд. Албатта, рушди ин давлату миллат ва инкишофи ояндаи ҳаёти ҷомеа аз амал ва фаъолияти худи мо вобаста аст. Агар мо дар назди ҷомеа масъулияти хешро ҳис намоем, барои ҳар амал ва фаъолиятамон ҷавобгар бошем, манфиатҳои миллат ва давлатро аз манфиатҳои шахсиву гурӯҳиямон боло гузорем, вазифаҳои хешро содиқона ва софдилона ба иҷро расонем, мушкилоти ҷомеаро дар якҷоягӣ ҳаллу фасл созем, пас бо итминон гуфта метавонем, ки сатҳи коррупсия дар кишвар комилан паст мегардад. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки насли наврас ва ҷавонон дар рӯҳияи масъулиятшиносӣ дар назди ҷомеа ва давлату миллат тарбия намуда шаванд.

Дар самти пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон нақши арзишҳои фарҳангиву маънавӣ низ метавонад бузург бошад. Дар фарҳанги миллии мо ба масъалаи ризқи ҳалол хӯрдан ва ҳалолкориву покизагӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Садсолаҳост, ки ин арзишҳои фарҳангӣ ва маънавии мо қисми зиёди одамонро аз гирифтор шудан ба амалҳои коррупсионӣ боздошта омадаанд ва бо боварӣ гуфта метавонем, ки дар оянда низ метавонанд чунин вазифаро ба хубӣ иҷро намоянд. Моро зарур аст, ки аз арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ дар самти пешгирии коррупсия васеъ истифода намоем. Хусусан ба самъи мардум расонидани ин арзишҳо аз аҳамият холӣ нест.

Дар умум метавонем чунин иддао намуд, ки эҳтиром ва иҷрои арзишҳои фарҳангиву маънавӣ метавонанд омили боздорандаи зуҳури ҳар гуна падидаҳои номатлуб дар ҷомеа, аз он ҷумла коррупсия гарданд. Дарки дурусти арзишҳои фарҳангиву маънавӣ ва риояи онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ метавонанд аз зуҳури коррупсия пешгирӣ ва тадриҷан сатҳи ин зуҳуроти номатлубро дар ҷомеаи мо коҳиш диҳанд. Дар оянда таҳқиқи равоншинохтӣ ва ҷомеашинохтии ин масъала барои дарки пурраи алоқамандии миёни арзишмеҳварӣ ва пешгирӣ аз мушкилоти коррупсия тақозо мегардад.

## *ПАЙНАВИШТ:*

**1.** *Снетков В.Н., Савельева А.П., Правовые ценности как проекция морально-этического императива в сфере регулирования общественных отношений [Текст] // Правотворчество как индикатор правовых ценностей: внутригосударственное, наднациональное и международное измерения: Коллектив. моногр. / Под ред. И.Л. Честнова. - СПб.: Астерион, 2018. – 532 с.*

2. *Солиев Ш.Х. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сиёсати зиддикоррупсионии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо [Матн] Ш.Х.Солиев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. –Хуҷанд, 2017. - №3 (72). – С. 130-140.*
3. *Солиев Ш.Х. Роҳҳои таҳкими таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия дар шароити Тоҷикистони имрӯза [Матн] / Ш.Х.Солиев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд. – 2022. - № 2 (91). - С. 136-145.*
4. *Солиев Ш.Х. Мушкилоти мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистони муосир [Матн] / Ш.Х. Солиев. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 204 с.*
5. *Anja C. Gebel. Human nature and morality in the anti-corruption discourse of Transparency International // Public administration and development, 32, 2012, - P. 109-128*
6. *Arif Supriono, (ed). Seratus Cerita Tentang Akhlak, Republika, Jakarta, 2006, P. 159*
7. *Education for Integrity. Teaching on Anti-Corruption, Values and the Rule of Law, OECD, матни электронӣ, https://www.oecd.org/governance/ethics/education-for-integrity-web.pdf санаи дастрасӣ 20.01.2023*
8. *Schulz, W., Ainley, J., Friedman T., Lietz P., ICCS 2009 Latin American Report: Civic knowledge and attitudes among lower-secondary students in six Latin American counrties. Amsterdam: International Association for the Evaluation of Education Achievements (IEA). Electronic resource, https://research.acer.edu.au/cgi/viewcontent.cgi?article=1012&context=civics, санаи дастрасӣ 16.01.2023*
9. *Marianna Fotaki, Faisal Alshehri and Saleema Kauser. Can Religion Help in the fight against Corruption? Evidence from Marketing and Management in Saudi Arabia: A Behavioral Ethics Perspectives // ethics.harvard.edu/blog/can-religion-help-fight-against-corrption (electronic resource)*
10. *Roden J. The international anti-corruption crusade: neo-liberal institutional structures, moralization, and social capital. Undercurrent Journal VII (I), 2010, P. 12-22.*
11. *Sampson S. Integrity warriors: global morality and the anticorruption movement in the Balkans, 2004, Available online at http://lup.lub.lu.se/luur/download?func=downloadFile&recordOId=1145727&fileOId=1145729 (permission to cite as paper). [Accessed on 29 September 2011].*
12. *Svensson, J. Eight Questions about Corruption // Journal of Economic Perspectives, 2005, 19 (3), P. 19-42.*
13. *Values Added, How Companies can Use Values to enhance their Anti-corruption Approach. Transparency International UK, electronic resource. https://www.transparency.org.uk/sites/default/files/pdf/publications/Values%20Added%20-%20Transparency%20International%20UK_0.pdf*

**REFERENCES:**

1. *Snetkov V.N., Savelyeva A.P., Legal Values as a Projection of the Moral and Ethical Imperative in the Sphere of Regulation of Public Relations. [Text] // Law-making as an indicator of legal values: domestic, supranational and international dimensions: Collective. monograph. / Ed. I.L. Chestnova. St.Ptb., Asterion, 2018. – 532pp.*
2. *Soliev Sh.Kh. The Role of Civil Society in the Anti-Corruption Policy of Tajikistan: situation and perspective [Text] Sh.Kh. Soliev // Bulletin of TSULBP, Series of social sciences, No. 3 (72), 2017. - Khujand. - PP. 130-140.*
3. *Soliev Sh.Kh. Ways to Strengthen Intolerance to Corruption in the Conditions of Modern Tajikistan [Text] / Sh.Kh. Soliev // Bulletin of TSULBP, Series of social sciences, No. 2 (91), 2022, - PP. 136-145.*

4. *Soliev Sh.Kh. Problems of Anti-Corruption Drive in Modern Tajikistan [Text] / Sh.Kh. Soliev. - Khujand: Publisher, 2021. - 204 pp.*
5. *Anja C. Gebel. Human Nature and Morality in the Anti-Corruption Discourse of Transparency International // Public administration and development, 32, 2012, - PP. 109-128*
6. *Arif Supriono, (ed). Seratus Cerita Tentang Akhlak, Republika, Jakarta, 2006, PP. 159*
7. *Education for Integrity. Teaching on Anti-Corruption, Values and the Rule of Law, OECD, [electronic resource], https://www.oecd.org/governance/ethics/education-for-integrity-web.pdf ( Date of appeal: 20.01.2023)*
8. *Schulz, W., Ainley, J., Friedman T., Lietz P., ICCS 2009 Latin American Report: Civic Knowledge and Attitudes among Lower-Secondary Students in Six Latin American Counrties. Amsterdam: International Association for the Evaluation of Education Achievements (IEA). [Electronic resource], https://research.acer.edu.au/cgi/viewcontent.cgi?article=1012&context=civics, Date of appeal: 16.01.2023*
9. *Marianna Fotaki, Faisal Alshehri and Saleema Kauser. Can Religion Help in the Fight Against Corruption? Evidence from Marketing and Management in Saudi Arabia: A Behavioral Ethics Perspectives // ethics.harvard.edu/blog/can-religion-help-fight-against-corrption (electronic resource)*
10. *Roden J. The International Anti-Corruption Crusade: neo-liberal institutional structures, moralization, and social capital. Undercurrent Journal VII (I), 2010, PP. 12-22.*
11. *Sampson S. Integrity Warriors: Global Morality and the Anticorruption Movement in the Balkans, 2004, Available online at http://lup.lub.lu.se/luur/download?func=downloadFile&recordOId=1145727&fileOId=1145729 (permission to cite as paper). [Accessed on 29 September 2011].*
12. *Svensson, J. Eight Questions about Corruption // Journal of Economic Perspectives, 2005, 19 (3), PP. 19-42.*
13. *Values Added, How Companies can Use Values to enhance their Anti-corruption Approach. Transparency International UK, [electronic resource]. https://www.transparency.org.uk/sites/default/files/pdf/publications/Values%20Added%20-%20Transparency%20International%20UK_0.pdf*